*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 35 (4775) | ДУШАНБЕ, 18 МАРТИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## ҶАЛАСАИ ШУРОИ АМНИЯТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**18-уми марти соли 2024 таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи Шурои амнияти кишвар баргузор гардид.**

Дар ҷаласа, ки бо иштироки аъзои Шурои амният ва роҳбарони як қатор сохторҳои давлатӣ ва вазорату идораҳои дахлдор баргузор гардид, Раиси Шурои амният, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулин доир ба таъмини амнияти миллӣ ва волоияти қонун, мубориза бо ҷинояткорӣ, бахусус ҷиноятҳои фаромиллӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, назорати тартиботи ҷамъиятӣ ва пешгирӣ аз сӯхтору ҳар гуна ҳодисаҳои нохуш, дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

## БАРҚИЯИ ТАБРИКӢ

**18-уми марти соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Путин барқияи табрикӣ ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**

**«Муҳтарам Владимир Владимирович,**



Шуморо дар робита ба пирӯзии баҳснопазиратон дар интихоботи президентӣ самимона табрик менамоям.

Натиҷаҳои овоздиҳии доиргардида боз як далели возеҳи тасдиқи обрӯю эътибори баланди сиёсии Шумо ва аз ҷониби ҷомеаи Россия ба таври васеъ ҷонибдорӣ ёфтани сиёсати давлатиатон ҷиҳати таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии кишвар ва таҳкими мавқеи байналмилалии он мебошад.

Мо ба густариши бемайлони шарикии стратегӣ ва ҳамкориҳои ҳампаймонии Тоҷикистону Россия аҳамияти пайваста медиҳем.

Саҳми назарраси Шуморо дар таҳкими тамоми маҷмӯи муносиботи давлатҳоямон қадр мекунем.

Омодаем, ки якҷо бо Шумо дар оянда низ ҷиҳати ба сатҳи баланди нав баровардани ҳамкориҳои гуногунҷанбаи ҳар ду кишвар ба нафъи мардумонамон талошҳои муштарак ба харҷ диҳем.

Сидқан ба Шумо, муҳтарам Владимир Владимирович, сиҳатмандии комил ва дар татбиқи нақшаҳое, ки дар роҳи некуаҳволӣ ва шукуфоии Россияи бародар муайян кардаед, комёбиҳои нави барҷаста орзумандам».

**www.prezident.tj**

Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## РУШДИ САНОАТ ЯКЕ АЗ МАВЗУЪҲОИ МЕҲВАРИИ ПАЁМИ НАВБАТИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки 28 декабри соли 2023 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардид, тамоми соҳаҳоро дар бар гирифта, дастуру супоришҳои дар он додашуда роҳи ҷомеаро барои расидан ба ҳадафҳои минбаъда ҷиҳати пойдорию устувории Ватан равшан сохт.**

Паёми мазкур аз пешрафти бомароми Тоҷикистон дар роҳи расидан ба ҳадафҳои стратегӣ гувоҳӣ дода, зимни баррасии масъалаҳои гуногун, ҳамзамон, вобаста ба саноатикунонии мамлакат ва бо шуғли пурмаҳсул фаро гирифтани аҳолӣ таъкидҳои судманд баён гардиданд.

Бо назардошти он ки соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи давлат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои «Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030» аҳамияти бузург дорад, бо пешниҳоди Пешвои миллат солҳои 2022-2026, яъне то Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Солҳои рушди саноат» эълон шуд. Дар ин давра бояд беш аз 500 ҳазор ҷойи нави корӣ таъсис ёбад, даромади пулии аҳолӣ беш аз 2 баробар зиёд гардида, сатҳи камбизоатӣ то 15 дарсад коҳиш дода шавад.

Чуноне Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём зикр намуданд: «Дар зарфи солҳои истиқлоли давлатӣ амалисозии нақшаву барномаҳои рушди соҳаи саноат имкон дод, ки дар кишвар беш аз 3 ҳазор корхонаи саноатӣ бо 54 ҳазор ҷойи корӣ сохта, ба истифода дода шавад.

Дар 75 соли замони гузашта (то соли 1991) дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 358 корхонаи саноатӣ бо 33 ҳазор ҷойи корӣ фаъолият дошт.

Пас аз барқарорсозии сулҳу субот ва роҳандозии фаъолияти бонизоми соҳаҳои фалаҷгардидаи ҳокимияти давлатӣ мо имконият пайдо кардем, ки ба масъалаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат машғул шавем».

Инчунин, Сарвари давлат ҳушдор доданд: «Бо вуҷуди ин, дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар як қатор масъалаҳои ҳалталаб, аз қабили фарсудашавии таҷҳизот, сатҳи пасти рақобатнокии маҳсулот ва гуногунсамтии он, норасоии маблағҳои гардони корхонаҳо ва кадрҳои баландихтисос, вуҷуд доранд».

Ҳамчунин, таъкид намуданд, ки «...соли ҷорӣ содироти маҳсулоти саноатӣ тамоюли коҳишёбӣ пайдо кардааст. Яъне, соли 2022 содироти маҳсулоти соҳа ба 22,8 миллиард сомонӣ расида буд, вале дар соли 2023-юм ин нишондиҳанда ҳамагӣ 18,5 миллиард сомониро ташкил дода, 19 фоиз кам гардид».

Вобаста ба ҳалли ҳар чӣ зудтари камбудиҳои ҷойдошта Пешвои миллат ба вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Аз ин нуқтаи назар, пеш аз ҳама, бояд таваҷҷуҳи соҳибкорон ба рақобатпазир сохтани молу маҳсулот ҷалб гардаду аҳамияти афзоиш додани содирот ва кам намудани воридот дар пешрафти иқтисод ва баланд гаштани сатҳи некуаҳволии ҷомеа ҳамаҷиҳата дарк шавад. Соҳибкорон бояд аз муҳтавои «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025», «Барномаи дастгирии давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар барномаҳои вобаста ба рушд додани саноат ва иқтисод огоҳ бошанд, аз имтиёзҳои дар паёмҳои ҳарсолаи Пешвои миллат пешниҳодшаванда бештар истифода баранд.

Тоҷикистон кишвари саноатӣ-аграрӣ аст ва 93 дарсади ҳудуди онро кӯҳсор ташкил медиҳад. Сарватҳои табиии кишвар дар зиёда аз 800 кони маъданҳои фоиданок, металлҳои нодир ва қиматбаҳо, аз ҷумла мис, нуқра, тилло, сурб, литий, сурма, никел, волфрам, ванадий ва дигар маъданҳои нодир, кашф ва барои аз худ намудан қисман омода карда шуда, зиёда аз 700 зуҳурот низ мавҷуд аст. Онҳо боигарии кишвари маҳбубамон ба ҳисоб рафта, рушди минбаъдаи саноати ҷумҳуриро таъмин хоҳанд кард. Инчунин, қобили қайд аст, ки захираҳои тахминии намаки ошӣ дар Тоҷикистон беш аз 72 миллиард тоннаро ташкил дода, барои зиёда аз 300 сол таъмин намудани талаботи истеъмолии тамоми сокинони сайёра басанда мебошад. Аз ин лиҳоз, дар доираи «Солҳои рушди саноат» бо роҳи истифодаи зарфиятҳои мавҷуда ва афзоиш додани ҳаҷми истихроҷу коркарди сарватҳои зеризаминӣ ва оғоз намудани корҳои ба конҳо мубаддалгардонии нуқтаҳои минералӣ, бунёди корхонаҳои металлургӣ, маъдантозакунӣ, истихроҷу то маҳсулоти ниҳоӣ коркард намудани металлҳои ранга ва қиматбаҳо, рушди саноати мошинсозӣ, нассоҷӣ, хӯрокворию дорусозӣ ва саноати сабук ноил шудан имконпазир аст.

Ҳоло дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат» ва «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» айни замон дар кишвар панҷ минтақаи озоди иқтисодӣ фаъолият мекунанд. Дар онҳо корхонаҳои металлургӣ, сементбарорӣ, нассоҷӣ, дӯзандагӣ, коркарди нафт ва тавлиди маҳсулоти саноати кимиё фаъол гардидаву ин раванд бардавом аст. Дар баробари ин, зарур аст, ки минбаъд барои рушди бомароми саноат ҷиҳати ба роҳ мондани коркарди пурраи нахи пахта, пӯст, пашм, пилла, меваю сабзавот ва дигар ашёи хоми ватанӣ корҳоро ҷоннок намоем.

Минбаъд низ ба баланд бардоштани гуногунсамтию рақобатнокии иқтисоди миллӣ, густариши раванди рақамикунонии иқтисод, татбиқи «иқтисоди сабз», истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва рушди неруи инсонӣ афзалият дода, дар ин замина пешрафти бомароми устувору босифати иқтисоди миллиро таъмин намоем.

Маврид ба зикр аст, ки бо таъсиси беш аз 30 муассисаи таҳсилоти олии касбии алоқаманд ба соҳа, аз ҷумла Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон, Донишкадаи илмҳои дақиқ ва технологияи Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб, филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара, филиали Донишкадаи энергетикии Москва дар шаҳри Душанбе ва филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии пӯлод ва хӯлаи шаҳри Москва (МИСиС) дар шаҳри Душанбе, омодасозии мутахассисони соҳа ба марҳилаи сифатан нав ворид гаштааст.

Навсозии корхонаҳои саноатӣ дар ноҳияи Ёвон ва ба кор оғоз кардани корхонаи маъдантозакунии «Такоб», ки алюминийи аввалия истеҳсол мекунанд, ҷиҳати паст кардани арзиши аслии алюминий ва вобастагӣ аз ашёи хоми воридотӣ заминаи мусоид фароҳам оварданд. корхонаи ҷамъу васли автобуси мусофиркаши тамғаи «Акия» дар шаҳри Душанбе, корхонаи истеҳсоли профилҳои алюминӣ - ҶДММ «Тоҷпроф»-и МОИ «Суғд», корхонаи замонавии коркарди маъдан дар шаҳри Панҷакент, корхонаҳои металлургӣ ва истеҳсоли маҳсулоти оҳан дар шаҳри Ҳисор ва ноҳияи Спитамен, инчунин, корхонаи истихроҷу истеҳсоли тилло дар шаҳри Ваҳдат, ҶДММ «Оҳангудозии Тоҷикистон»-и ноҳияи Рӯдакӣ, корхонаҳои нави истеҳсоли маводи таркандаи саноатӣ – ҶДММ КМ «Муосир» ва ҶДММ «Колорит технолоҷӣ» аз ҷумлаи коргоҳҳое маҳсуб мешаванд, ки дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат бунёд гардида, дар таъмини шаҳрвандон бо ҷои кори доимӣ саҳми бориз доранд.

Ҳамзамон, Тоҷикистон ба панҷгонаи истеҳсолкунандагони «алюминийи сабз» дар ҷаҳон шомил буда, маҳсулоти ширкати алюминийи тоҷик дорои «сертификати сабз» мебошад.

Муҳимтар аз ҳама, қонунгузорӣ барои сармоягузорон дар соҳаҳои мухталиф беш аз 240 номгӯ кафолату имтиёзҳо, аз ҷумла зиёда аз 110 имтиёз ва сабукиҳои андозию гумрукиро муқаррар намудааст.

Дар умум, Паёми навбатӣ аз нусрату пайғом таркиб ёфта, бо меҳнати софдилонаи халқи тоҷик зина ба зина амалигардонии ҳадафи стратегии саноатикунонии босуръати мамлакат имкон медиҳад, ки рушди устувори соҳаи саноат таъмин ва дар ин раванд даҳҳо ҳазор ҷойи нави корӣ ташкил шавад.

**Исмоилиён Комрон ИСМОИЛЗОДА,**
**вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**Алишер АЗИЗӢ,**
**мушовири калони Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия**

Илҳом аз мулоқоти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар

## ҲАЛЛИ ОДИЛОНАИ МОҶАРОИ АСП

**Ман инро замоне эҳсос кардам, ки одам буданамро ҳис намудам. Бод, оташ, об, ҳатто хок гоҳе бо ман мувофиқ ҳастанду гоҳе душманам мешаванд.**

Мегӯянд, ки одамро аз хок офаридаанд, вале ман намедонам, ки хоки маро аз куҷои замин гирифтаанд ва бо кадом об онро шӯридаанд. Субҳ, нисфирӯзӣ ё намози асре онро ба зери нурҳои офтоб гузошта, хушкондаанд. Вақтҳои охир ҳис мекунам, ки на танҳо ҷисмам, балки мағзи сарам ҳам аз нурҳои сӯзони офтоб осеб дидаанд. Фикрҳои бемаънӣ мағзамро азоб медиҳанд, зиндагиямро ба дӯзах мубаддал мегардонанд. Шояд пурсед, ки чӣ тавр кадом фикре, ки аз кимкуҷо омада, мағзи сари маро ғасб кардааст, боиси азоб мешавад. Далел хоҳед, мегӯям:

Ман ҳамеша орзуи асп доштанро дар сар мепарваридам ва гоҳе ин ҷонвари бодпо ба хобам медаромад. Рӯзе ҳамсоя аспашро ба ман дод, ки савор шуда хумор шиканам. Ба асп савор шудаму худамро дар тахти равон ҳис кардам, хаёл кардам, ки тамоми дунё моли ман аст. Ҳар куҷое, ки дилам мехост, аспро ба ҳамон сӯ мерондам. Аз фараҳу шодии зиёд суруд ҳам хондам. Одамон аспсаворию сурудхониамро дида, бо ҳавас маро тамошо мекарданд.

Ҳамсоя дид, ки нияти аз асп фуромадан надорам, лаҷоми ҷонварро дошту гуфт:

- Фаро, хеле аспсаворӣ кардӣ!

- Намефароям!

- Чаро?

- Агар аз болои асп ба замин фароям, модари Хосият ба ман талоқ! - ин фикр аз куҷо пайдо шуду ба забонам омад, намедонам. Магар одами солим метавонад аспи ҳамсояро аз ҳамсараш беҳу боло донад.

- Ба асп савор шудию девона гаштӣ, - ба ғазаб омад ҳамсоя. - Ин чӣ гапе буд, ки аз даҳонат баромад. Акнун чӣ кор мекунӣ, аз асп ба замин фароӣ, занат талоқ мешавад?

Баъд аз ин сухани соҳиби асп чӣ қадар ҷиддӣ будани вазъиятамро фаҳмидам, вале тир аз камон ҷаста буд. Чӣ кор карданамро намедонистам.

Ин корнамоии ман ба тамоми деҳа паҳн шуд ва зану мард даври ману аспи ҳамсояро гирифтанд. Яке ба ҳоли ман механдиду дигаре мазаммат мекард. Ҳамсарам низ ин хабарро шунида омад. Ӯ, ки одам будан ё набудани маро хуб медонист, ба сӯям ба алам нигаристу аз чашмонаш ашки ҳасрат ҷорӣ шуд. Занҳои деҳ ӯро дилбардорӣ мекарданд: «Ҳайф шудӣ, - мегуфтанд, - умратро бо чунин марди гумроҳу аз олам бехабар сипарӣ кардӣ. Зеби зани раис шудан доштӣ. Ҳайфи умри азизат, ки мисли гул дар паҳлуи хор гузашт».

- Ман медонистам, ки ту ҳеҷ гоҳ одам намешавӣ! – асояшро болои сар бардошта, ба сари ман омад падарам, вале ӯро нагузоштанд, ки маро занаду бо ҳамин худро таскин диҳад.

- Коре, ки набояд мешуд, шуд! – мардумро ором кард раиси деҳа. Бояд чораи корро ҷӯем, нагузорем, ки дар деҳаамон як хонавода вайрон шавад, зане бева монаду кӯдакон аз падар зиндаҷудо шаванд.

- Муллои деҳа куҷост, ки биёяду ин масъаларо ҳал кунад, - садое аз миёни издиҳом баланд шуд.

- Муллоро даъват кунед, – ба гап даромад ҳамсоя. Никоҳро ӯ карда буд, бигзор масъалаи талоқро ҳам ҳал кунад.

Нафаре барои овардани мулло рафт. Ман ба тақдирам тан дода, пичингу киноя ва истеҳзои ҳамдеҳагонро шунида, болои асп менишастам. Шояд гапи мардум ба падарам таъсир кард, ки якбора аз ҷояш хеста, маро дашном дода, асои дасташро ба сӯям ҳаво дод. Асо ба ман не, ба шиками асп расиду ҷонвари бечора ба ҷастухез даромад. Ман, аз тарси он ки наафтам, лаҷоми аспро сар дода, дудаста зинро маҳкам доштам. Ғавғои мардум баланд шуд. Ҳар касе ба ман маслиҳат медод. Ҳама дар ғами он буданд, ки меафтаму занам талоқ воқеъ мешавад. Асп



бошад, на фикри маро мекарду на парвои талоқ дошт. Ҷастухезкунон маро аз пушти худ афкандан мехост. Ин ҳолро дида, кӯдакон ҳаёҳӯ бардоштанду девонагии асп бештар гашт. Ман дигар худро дар хонаи зин нигоҳ дошта наметавонистам, ҳар замон эҳтимоли ба замин афтиданам зиёдтар мегашт, вале фикри талоқи лаънатӣ маро маҷбур мекард, ки мисли кана ба пушти асп часпам.

Ҳамин вақт занам шуҷоати бемисл нишон дод. Вай аз миёни издиҳом баромада, нотарсона аз лаҷоми асп дошт. Дами мардум дарун афтид, ғавғо ба хомӯшӣ мубаддал гашт. Ҳамсарам сару рӯи аспро навозиш карда, ҷонварро ором сохт.

Мулло хеле дер омад. Раиси деҳа ба вай воқеаро нақл кард.

- Кори хуб накардӣ, ки аспи ҳамсояро аз занат боло донистӣ, - ба насиҳат гузашт мулло.

- Мулло, вақти насиҳат нест! – гапи ӯро бурид падарам. - Масъалаи талоқро ҳал кунед.

Мулло каме фикр карду гуфт:

- Писари шумо ягон илоҷ надорад, оқибат аз рӯи асп ба замин мефурояд ва занаш як талоқ мешавад. Се рӯз пас як гӯсфанд кушта, зиёфат ороста, моро ба хонааш даъват мекунад, мо аз сари нав онҳоро никоҳ мекунем. Кор ба ҷуз ин дигар роҳи ҳал надорад.

Бо вуҷуди исрори мулло аз болои асп нафаромадам. Охир гӯсфанд надорам, ки кушта муллоро даъват кунаму вай ману занамро аз нав никоҳ кунад.

Рӯз бегоҳ шуд, аммо ман ҳанӯз рӯи асп гиҷу гаранг менишастам. Ҳамсарам ба наздам омада гуфт:

- Мардакҷон, аз асп фароед. Ман бо додарам маслиҳат кардам. Вай як гӯсфанд ба мо қарз медиҳад.

- Қарз не! – садои додари занам ба гӯшам расид, - гӯсфандро мебахшам, барои ман хушбахтии шумо муҳим аст.

Хостам аз асп фароям, ки садои дигаре шунидам:

- Сабр кун!

Бубинам, Шамшоди ҳамсоя калавида-калавида ба сӯям меояд. Ӯ мисли ҳамеша маст буд.

- Нафаро! Сабр кун! – гуфт ӯ ва аз лаҷоми асп дошта, аз пешонааш бӯсид, - мушкили туро мулло ҳал карда наметавонад, ман ҳал мекунам.

Шамшод аспро ба назди дарахти тути канори роҳ бурду ба ман амр кард:

- Аз асп ба болои тут баро!

Ман ба болои тут баромадам.

- Ту аз асп ба замин фаромадӣ ё ба болои тут баромадӣ? – лаҷоми аспро сар надода пурсид ӯ.

- Ба болои тут баромадам.

- Акнун метавонӣ ба осмон парвоз кунӣ ё бемалол ба замин фароӣ, на занат талоқ мешаваду на ба мулло зиёфат медиҳӣ.

Шамшод инро гуфту қоҳ-қоҳзанон хандид ва ба сӯи ман бепарвоёна даст афшонду роҳи хонаашро пеш гирифт.

**ВОРИС, «Садои мардум»**

Бозгашт ба мавзуъ

**Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, хоса дастгирии пиронсолон, дастрасии онҳо ба хизматрасониҳои тиббӣ ва иҷтимоӣ, аз самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Ҳифзи иҷтимоии пиронсолон тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ», «Дар бораи ветеранҳо» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ мегарданд.**

# БАРОИ ПИРОНСОЛОН ЧОЙХОНАҲО ЗАРУРАНД



Бо ташаббус ва сиёсати инсонпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри тақвият бахшидани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, махсусан пиронсолон, низоми миллии қонунгузории мамлакат ташаккул дода, ҳуқуқ, кафолат ва имтиёзҳо барои пиронсолон вобаста ба табобату тавонбахшӣ, солимгардонӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ, меҳнат, манзил, таъмини нафақаю кумакпулиҳои иҷтимоӣ муқаррар гардидаанд. Тавре 28-уми декабри соли 2023 дар Паёми Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр гардид, солҳои 1991 то 2023 фавти одамон дар кишвар ду баробар коҳиш ёфта, дарозумрии миёнаи аҳолӣ аз 70 ба 76,3 сол расидааст, ки ин нишондиҳандаҳо, бешак, далели возеҳи беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар, хусусан пиронсолон, мебошанд. Тозатарин далели ғамхорӣ нисбат ба пиронсолон аз 1-уми июли соли 2024-ум 30 фоиз зиёд кардани нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, ҳамчунин, иловапулӣ ба онҳост. Тавре Пешвои миллат таъкид намуданд: «Ҳадафи олии сиёсати Роҳбари давлат, Ҳукумати мамлакат боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии мамлакат мебошад».

Аммо бо вуҷуди ин, дар ҳаёти пиронсолон мушкилоте ба назар мерасад, ки бартараф намуданашон боиси боз ҳам беҳтар гардидани ҳаёти онҳо мегардад.

Аксари онҳое, ки рӯзҳои бебориши баҳору зимистон дар ҳавлии Театри таҷрибавии тамошобини ҷавони ба номи М.Қосимов («Аҳорун») ҷамъ меоянд, пиронсоланд. Гурӯҳе ба шашкаву шоҳмотбозӣ машғул мешаванду бархе масоили гуногуни рӯзгорашонро баррасӣ менамоянд. Замоне бародарон ё падару бобои ин пиронсолон дар чойхона ва ошхонаи даруни боғи шафати театр, ки имрӯз ҷои онҳо тарабхонаи машҳур ва зебою пурнақшу нигори «Яккачинор» бунёд ёфтааст, ҷамъ омада, сари як пиёла чой бо ҳам суҳбат мекарданд, тавассути баландгӯяки радио аз хабарҳои кишвар ва ҷаҳон огоҳ мешуданд, шашкаю шоҳмотбозӣ мекарданд. Чанд кати чойхона ва мизу курсиҳои ошхона танҳо барои пиронсолон хизмат мекард. Қариб ҳамеша барои шунидани суҳбати пирони рӯзгордида ҷавонони зиёд дар атрофи онҳо ҷамъ меомаданд...

Боғ зеботар гашт, тарабхонаи «Яккачинор» чанд маротиба таъмиру таҷдид гардид, вале пиронсолон аз ҷои худ маҳрум гаштанд.

Имрӯз додарону фарзандони он пирони хуштолеъ аз чунин ҷойҳо ва шароит маҳруманду аз ноилоҷӣ болои курсиҳои назди театр, гоҳо ҳатто зери борону барф, вақт мегузаронанд.

Ф. Усмонзода, собиқ раиси ноҳияи Фирдавсии пойтахт, ки ин мавзеъ дар ҳудуди он ҷойгир аст, дар нишасти матбуотие оид ба ин мавзуъ чунин гуфта буд: «Дуруст аст, ки мо барои пиронсолон чунин ҷой надорем. Барои ман ҳам ин масъала нигаронкунанда аст, зеро дер ё зуд ҳама ба синни пирӣ мерасем. Барои мо низ ҷойи нишасту дамгирӣ зарур хоҳад шуд... Ҳатман дар ин бора фикр бояд кард». Меандешем, ки имрӯз ӯ ба сафи чунин пиронсолон пайваста бошад...

Соли 2019 рӯзномаи «Садои мардум» дар мавзуи «Чаро барои мӯйсафедон чойхонаҳо заруранд?» (№7 (3957) мақола нашр намуда буд, дар он, аз ҷумла, омадааст: «Имрӯз қариб ҳамаи боғҳои мавҷудаи пойтахт - ба номи А.Рӯдакӣ, А.Фирдавсӣ, С.Айнӣ, боғҳои «Ирам», «Ғалаба» ва ғайра таҷдид гардида, яке аз дигаре зеботар шудааст. Барои тифлакон, наврасону ҷавонон ва миёнсолон ҳам дар боғҳо ҳама шароит муҳайё аст, вале мӯйсафедон на дар ҳама ҷо барои худ ҷои мувофиқ пайдо менамоянд». Бинобар ин, муаллиф пешниҳод намуда буд: «Минбаъд ҳангоми бунёд ё таҷдиди боғҳо масъалаи истироҳату фароғати мӯйсафедон низ ба назар гирифта шавад ва барои он ки соҳибкорон ба бунёд намудани чойхонаҳо таваҷҷуҳ ва дилгармӣ пайдо кунанд, ба онҳо имтиёз ва сабукӣ пешбинӣ гардад». Мутаассифона, дар ин самт то имрӯз кори назаррасе анҷом ёфт.

Мавриди зикр аст, ки солҳои охир шумораи чойхонаҳои гуногун хеле афзуда, дар ҳар гӯшаи пойтахт бо навиштаҷоти «Сайёҳ», «Ҷаҳон-ака», «Тоқӣ», «Шоҳина», «Вохӯрӣ», «Мино», «Авиатор» ва ғайра чойхонаҳоро метавон дучор омад. Ин чойхонаҳо зебову оростаанд, вале анво ва нархи ғизо дар онҳо аз тарабхонаҳо кам нест. Ба ин хотир, барои аксар пиронсолон дастнорасанд. Илова бар ин, барои истироҳати онҳо мувофиқ нестанд.

**Н. НИЗОМӢ,**
**«Садои мардум»**

Зикри хайр

**Профессор Аскар Абдураҳмонов аз дастпарварони студияи дувуми тоҷикии ГИТИС – Институти давлатии санъати театрии Москва ба номи А.В.Луначарский мебошад. Солҳои зиёд дар Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода ба шогирдон сабақ додааст. Хотираҳояш дар бораи шарикдарсаш Маҳмудҷон Воҳидов зиёд ва хеле ҷолибанд. Инак, яке аз он хотираҳо.**

# ЗИНДА АСТ Ӯ, ТО СУХАН, ТО ШЕЪРИ ТУРСУНЗОДА АСТ!

Ҳангоми таҳсил дар студияи тоҷикии ГИТИС донишҷӯёни тоҷик бо ҳам дӯсту бародар буданд ва пайвандии онҳо солҳо идома кард. Аскар бо шарикдарсонаш Ҳабибулло, Тӯрахон, Музаффар, Ҳаким, Носир, Ҳошим муносибати хуб дошт. Вале ба Маҳмудҷон Воҳидов эҳтироми хос қоил буд. Маҳмудҷон се сол баъд бо онҳо ҳамроҳ шуда бошад ҳам, ба дили шарикдарсонаш ба зудӣ роҳ ёфт.

- Моҳи апрели соли 1957 дар шаҳри Москва Даҳаи дувуми адабиёт ва санъати халқи тоҷик баргузор гардид. Ман он вақт дар курси сеюми Донишкадаи давлатии санъати театрии Москва таҳсил мекардам. Устодон мо - шогирдонро ба маросими кушодашавии даҳа бурданд. Ёд дорам, ки дар оғози даҳа, дар саҳнаи Театри калони ИҶШС-и шаҳри Москва ҷавони 17-18 - сола ба тан ҷомаи беқасаб, дар сар тоқии чоргул ба саҳна баромада, шеъри машҳури устод Мирзо Турсунзода «Қонуни бародарӣ» (Закон братство)-ро ба забони русӣ қироат намуд…

Чунон таъсирбахш қироат намуд, ки дар толор, ба қавле: «ҳатто пашша ҳам пар намезад». Мавҷи қарсак дар толори боҳашамати театр баланд шуд. Аҳли толор ҳунарнамоии наттоқи ҷавонро гарм истиқбол гирифтанд. Бахусус, ба роҳбари бадеии студияи тоҷикии Донишкадаи давлатии санъати театрии Москва профессор Олга Ивановна Пижова ҳаракатҳои саҳнавӣ, зиндадилӣ, хушоҳангии шеърхонии ҷавон хеле писанд омад. Баъд аз кушодашавии қисми расмии чорабинӣ Олга Ивановна наздамон омада хабар дод, ки ин ҷавон узви маҳфили ҳаваскорони бадеии деҳаи Шайдони ноҳияи Ашти вилояти Ленинобод (ҳоло вилояти Суғд) Маҳмудҷон Воҳидов аст. Чанд рӯз пас санъаткорони Тоҷикистон дар толори консертии ба номи П.И.Чайковский ҳунарнамоӣ карданд. Дар оғози консерт Маҳмудҷон шеъри «Мамлакати тиллоӣ»-и устод Мирзо Турсунзодаро бо маҳорати баланд иҷро намуд…

Аз ин пас, устодони санъати Тоҷикистон ва Москва ба ин ҷавони хушлаҳну хушовоз бештар таваҷҷуҳ зоҳир намуданд.

Хуллас, Маҳмудҷон Воҳидовро устодони бузурги саҳна профессорон М.А. Горбунов, В.П. Осталский, И.М. Раевский, Б.В. Бибиков, О.И. Пижова ва муаллимони забони тоҷикии ГИТИС Шавкат Ниёзӣ, Маҳрам Файзов ва Салоҳиддин Солеҳ дар ҳузури Абдусалом Раҳимов имтиҳон гирифтанд. Ҳамин тавр, бо фармони ректори Донишкадаи давлатии санъати театрии Москва – ГИТИС профессор М.А.Горбунов дӯстам Маҳмудҷон Воҳидов чун истеъдоди фавқулода ба тариқи экстерн ба курси сеюми донишкада қабул шуд, - ба хотир овард А.Абдураҳмонов.

Дар таърихи театри советии тоҷик се истеъдоди фавқулода ба таври истисно ба донишкадаҳои олии санъати шаҳрҳои Москва, Ленинград ва Тошканд пазируфта шудаанд:



Меҳрубон Назаров ба Донишкадаи давлатии санъати театрии Ленинград, Алиризо Раҳмонқулов ба курси сеюми Донишкадаи давлатии санъати театрӣ ва рассомии Тошканд ва Маҳмудҷон Воҳидов ба курси сеюми Донишкадаи давлатии санъати театрии Москва.

Маҳмудҷон дар корҳои ҷамъиятӣ ва эҷодӣ фаъол ва маҳфилорои озмуну ҷамъомадҳои расмӣ ва зодрӯзи шахсиятҳои шинохтаи фарҳангӣ дар донишкада буд.

Профессор Михаил Петрович Чистяков ҳамроҳи донишҷӯёни Студияи тоҷикии донишкада драмаи «Камбағалӣ айб нест»-и А.Н.Островскийро саҳнавӣ намуд. Нақши Митяро ба Маҳмудҷон Воҳидов супурданд. Ба андешаи профессор Аскар Абдураҳмонов, бахт дар ҳамин намоиш ба рӯйи Маҳмудҷон хандид. Вай нақши Митяро оличаноб бозӣ кард. Аз ҳамин намоиш бештари таҳиягарон ӯро чун ҳунарпешаи боистеъдод дарёфтанд ва ин нақш роҳи ояндаашро дар театр ва кино муайян намуд.

- Ҳанӯз дар аспирантураи Институти давлатии санъати театрии Маскав мехондаму рӯзе аз Маҳмудҷон Воҳидов мактуб гирифтам. Навишта буд, ки мехоҳад дар соҳаи нутқи саҳнавӣ рисолаи номзадӣ нависад. Аз ман хоҳиш кард, ки мақсадашро ба устодаш профессор, мудири кафедраи нутқи саҳнавии институт В.П.Козлянинова расонам. Козлянинова аз ин мужда хеле шод шуд. Омаданашро интизорӣ кашидем, то ҳамроҳ дар аспирантура таҳсил намоем. Азбаски Маҳмудҷон Воҳидов дар театру кино муваффақиятҳои баландро ноил шуда буд, роҳбарияти Вазорати маданияти РСС Тоҷикистон ва Театри давлатии академӣ-драмаи Тоҷикистон ба номи Абулқосим Лоҳутӣ корро кашол дода намехостанд, ки чунин як истеъдоди нодир ба кори илмӣ банд шавад. Дар қиёс ба кори илмӣ ба театр, ба халқаш бештар манфиат мерасонд. Вайро ба кори кино, театр, таҳияи моноспектаклҳо, тантанаҳои расмӣ ва сафарҳои ҳунарӣ ҷалб мекарданд. Дигар фурсат надошт ба кори илмӣ даст занад.

Дар яке аз мактубҳояш навишта буд:



*«Сад афсӯс, ки дар зиндагии ҳаррӯза мо ба қадри ҳамдигар намерасем. Ба наздикӣ «Камбағалӣ айб нест»-и А. Н. Островскийро ба тамошогарон нишон додем. Нақши Яша Гуслинро шахсе иҷро кард, ки на овози сароядагӣ ва на қобилияти мусиқинавозӣ дорад.*

*Сурудҳои дӯстдоштаамон «Шермардакон» ва «Калинка» ба хандахариш дигар гардиданд.*

*Кош, замин мекафиду ман медаромадам!».*

- Маҳмудҷон дар саҳна ба сохтакорӣ ва дурӯғгӯӣ роҳ намедод. Як хислати хубаш ин буд, ки ба ҳар чиз эҳтиёткорона ва ғамхорона муносибат мекард. Дар 39 - солагӣ аз дунё гузашт, вале бо истеъдоди баландаш дар театру кино ва радиою телевизион корҳоеро ба сомон расонд, ки барои дигарон маҳол буд. Вай на танҳо чун наттоқи барҷаста, балки чун актёри боистеъдод дар саҳнаи театри тоҷик табаддулот кард, - гуфт профессор Абдураҳмонов.

Хотираҳои Аскар Абдураҳмонов дар бораи Маҳмудҷон хеле зиёданд. Ӯ чанд мактуби Маҳмудҷонро то ҳанӯз маҳфуз доштааст.

Вақте китоби «Ёдномаи Маҳмуд Воҳидов» аз чоп баромад, Аскар Абдураҳмонов афсӯс хӯрд, ки аз ин иқдоми нек бехабар монд, вагарна хотироти ҷолибе дошт ва суратҳои даврони таҳсил дар ГИТИС-ро эҳтиёт карда буд. Ин мақсадашро ба яке аз мураттибони китоб Лоиқ Шералӣ изҳор намуд.

- Ният дорем, нашри такрории «Ёдномаи Маҳмуд Воҳидов»-ро ба миён гузорем. Он гоҳ ба китоб маводи иловагиро ҳамроҳ хоҳем кард,- гуфт дар яке аз нахустнамоишҳои театрӣ устод Лоиқ.

Бо гузашти солҳо китоби «Ёдномаи Маҳмуд Воҳидов» дуюмбора нашр шуд, вале Аскар боз бехабар монд. Соли 2009 дар таҷлили 70-солагии Маҳмудҷон Воҳидов профессор Аскар Абдураҳмонов хотираҳояшро дар маҷаллаи «Фарҳанг ва ҳунар» таҳти унвони «Дӯсти меҳрубон» нашр кард ва ба ин васила бори дигар насли имрӯзаро ба ҳунари волои Маҳмудҷон Воҳидов ошно намуд, қарзи дӯстию бародарияшро ба ҷо овард.

**Зинда аст ӯ, то куҷо шеъру**
**сухан гӯем мо,**
**Шеърдоне, шеърхоне**
**мисли ӯ ҷӯем мо!**
**Зинда аст ӯ, чун ба ӯ аҳли**
**сухан дил додааст,**
**Зинда аст ӯ, то сухан,**
**то шеъри Турсунзода аст!**

**Тилло НЕКҚАДАМОВ,**
**«Садои мардум»**

**Дар суратҳо: 1.** Маҳмудҷон Воҳидов дар нақши Митя (аз чап) ва Аскар Абдураҳмонов дар нақши Яша Гуслин аз намоиши «Камбағалӣ айб нест»-и А.Н.Островский дар саҳнаи таълимии ГИТИС-и шаҳри Москва.

**2.** Маҳмудҷон Воҳидов бо ҳамкоронаш дар Театри мазҳакаи мусиқии шаҳри Ленинобод ба номи А.С.Пушкин (ҳоло ба номи Камоли Хуҷандӣ), соли 1961.

Китобиёт

**«Ман вақти зиёдеро дар сирк сарф кардам. Ҳамеша дилам барои дорбозон меларзид, вале ба ту бояд бигӯям, ки мардум дар рӯи замини устувор бештар аз он меафтанд, ки дорбозон аз ресмони ноустувор».**
**Чарли ЧАПЛИН**

# ҲУНАРЕ АЗ ҚАЪРИ ҚАРНҲО




Муҳаққиқон муҳофизи воқеии таъриханд. Онҳо ҳодисаю рӯйдодҳои шоистаи таърихро таҳқиқ мекунанд ва дар китобҳо дарҷ месозанд.

Муаллифи китоби тозанашри «Андешаҳо перомуни сирки тоҷик» Ашур Раҷабов, ки худ ҳунарманди варзидаи соҳаи сирк аст, таърихи густариши ин риштаро таҳқиқ намудааст.

- Сирк - намоишест, ки қобилияти фавқулодаи инсон, зебоии ҷисмро таҷассум сохта, рамзи ҷасорату шуҷоат буда, бо забони маҳорат ифода меёбад. Доир ба истилоҳи «сирк» ҳаминро бояд гуфт, ки он вожаи лотинӣ буда, ба маънои давра, доира, ҳалқа далолат мекунад, ки дар бисёр забонҳои дунё қариб ҳамин хел садо медиҳад. Дар ҳама замон ҷои баргузории чорабиниҳои варзишӣ доирашакл буд, ки имконияти бештари тамошо пайдо мешавад ва ҳунарманд хубтар намоён мегардад. Аз ҳамин сабаб, бинои сирк дар тамоми кишварҳо доирашакл мебошад, ки аз ҳамин мафҳум маншаъ мегирад. Мо наметавонем мафҳуми сиркро бо тоҷикӣ ифода кунем, чуноне ки дар китоб сирк торбозӣ зикр шудааст. Агар сиркро торбозӣ ё булъаҷабӣ гӯем, тарҷума комил намеояд. Сирк танҳо торбозӣ ё ромкунӣ набуда, як ҷузъи ин жанри таҳайюрист ва он паҳлуҳои дигари варзишкорӣ – акробатика, иллюзия, найрангбозӣ, кордбозӣ ва ҳуққабозиро низ фаро мегирад, - навиштааст муаллиф.

Омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ ба муаллиф имкон додааст, то саҳифаи наверо ба рӯи ҳаводорони фарҳангу ҳунар кушояд. Китоб қадами нахустин дар бахши таҳқиқи риштаҳои маъруфи ҳунарҳои қадима – варзишкории тоҷикон офарида шуда, ишора ба решаҳои таърихию фарҳангии ҳунаре месозад, ки такмил ёфта, моҳияти умумибашарӣ касб кардааст. Мояи илми сиркшиносӣ ҷанбаи илмӣ дошта, бо дигар илмҳо – физиология, анатомия, геометрия, металшиносӣ ва мусиқӣ робитаи зич дорад. Масалан, агар ромкунанда аз илми физиология бархӯрдор набошад, ӯ сиришти табиӣ ва вазифаҳои кори узвҳои организми ҳайвоноту парандагонро омӯзиш карда наметавонад.

Муаллиф ошкор месозад, ки яке аз риштаҳои маъруфи варзишкории тоҷикон торбозӣ будааст, ки ҳадди ақал шашсад сол қабл дар олами ҳунар маълум гашта буд. Нишонаҳои сирк жарфтар аз ин дар сиккаҳои нуқрагини даврони Сосониён ва зарфҳои бириниҷии аҳди Кӯшониён бозёфт шудаанд. Ин бозёфт шаҳодати амиқ будани решаҳои ин ҳунари моҳияти намоишӣ доштаро гувоҳӣ медиҳанд. Аз ин бармеояд, ки тоҷикон дар навъҳои мухталифи ҳунарҳои сиркӣ ва ташаккули он саҳми арзишманде гузоштаанд.

Муаллиф барои офаридани ин асари пажӯҳишӣ ба асари таърихии «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, ки ҳунарҳои сиркӣ дар асараш хуб тасвир ёфтааст, истинод карда, андешаҳои худро асоснок баён кардааст. Номбурда бар он аст, ки ҳикоятҳои булъаҷаби «Бадоеъ-ул-вақоеъ» метавонад сарманшаи ҳар гуна парда (номера) дар сирк бошад. Ҳикояҳои «Маймуни шатранҷбоз», «Бобоҷамол ва бузи он», «Чамандар», «Сираи Бобоҷамол», «Ҳусейншаҳриёр дар манораи Гавҳаршодбегим», «Филбон» ҳикояҳое мебошанд, ки дар онҳо амалҳои сиркӣ равшан таҷассум ёфтаанд. Амале, ки Ҳусайншаҳриёр дар болои манораи Гавҳаршодбегим иҷро мекунад, 436 сол баъд – соли 1932 онро дар сирки тоҷик ҳамчун рекорди ҷаҳонӣ Николай Аристархов ба анҷом мерасонад.

Амалҳои жанри сирк дар эҷодиёти Ҳофизи Шерозӣ низ равшан ба чашм мерасанд. Фақеҳи Кирмонӣ гурбаеро ром карда, ба ӯ ҳаракоти намозро ёд дода буд:

**Эй кабки хушхиром,**
**куҷо меравӣ, биист,**
**Ғарра машав, ки гурбаи обид**
**намоз кард.**

Айни ҳол дар тамоми сиркҳои дунё ромкунии ҳайвонот як жанри сирк аст.

Дар ҷои дигар:

**Сӯфӣ ниҳод дому сари ҳуққа**
**боз кард,**
**Бунёди макр бо фалаки**
**ҳуққабоз кард.**

Найрангбоз сари ҳуққаи (сандуқча) иллюзиониро кушода, бозикунон тухмро дар кулоҳ мешиканаду бо ҳила ба тамошобинон намоиш медиҳад. Ҳоло ҳам иллюзионистон тухмро дар кулоҳ шикаста, аз он чӯҷа ё тухмро ба тамошобин нишон медиҳанд. Ин амалро баъдан ҳунарманди сирки тоҷик Д. Тағоймурод айнан ба тамошобинон пешкаш мекард.

- Мутаассифона, дар илми муосири тоҷик таҳқиқоте роҷеъ ба сиркшиносӣ анҷом дода нашудааст. Ин барои ман, ки мутахассиси соҳаи сиркам, тааҷҷубовар аст. Аз ин рӯ, хостам дар ин бора таҳқиқоти шогирдонае анҷом диҳам, зеро чуноне ки мушоҳида мешавад, роҷеъ ба ин мавзуъ олимон ва мутахассисони дигар кишварҳо таҳқиқот анҷом додаанд, - мегӯяд муаллиф.

Муаллиф дар ин росто салоҳ дидааст, барои таҳқиқи ин ҳунар роҳи муваффақонаеро барои муҳаққиқони баъдӣ боз намояд. Ин асари пажӯҳишӣ далолат ба он мекунад, ки таҳқиқот дар илми сиркшиносии тоҷик интизори муҳаққиқони пуртаҷрибаю тозаэҷод аст, то омӯзиши таърихи пайдоиши ин ҳунари моҳияти байналмилалӣ пайдокарда дар канор намонад.

Вижагии дигари китоб дар он аст, ки чеҳраҳое, ки ба таърихи ташаккули сирки тоҷик иртибот доранд ва тамоми фаъолияти худро дар ин марзу бум сарфи ин пешаи ҳайратовар кардаанд, муаррифӣ гардидаанд. Агар муҳаққиқон ба ин ҷанба таваҷҷуҳ зоҳир накунанд, фаъолияти шахсони мавриди назар зери чанги таърих мемонад.

**Абдухолиқ МИРЗОЗОДА,**
**«Садои мардум»**

# БАҲОРИ АСТРОНОМӢ ЧИСТ?

**Соли 2024 соли кабиса аст ва дар ин сол Наврӯз 20-уми март, соати 08:06:21 бо вақти Душанбе фаро мерасад. Дар ин лаҳза Офтоб аз нимкураи ҷануби осмон ба нимкураи шимоли он мегузарад.**

Инсон аз замонҳои қадим дар зиндагӣ ба муайянсозии вақт ниёз дошт. Аз ин рӯ, зарурати омода намудани тақвимҳо пеш омад ва аввалин тақвим қамарӣ буд. Тақвими дигар, ки аз рӯи ҳаракати Офтоб омода гардид, шамсӣ мебошад ва инҳо тақвимҳои шамсӣ, қамарӣ ва шамсӣ-қамарӣ мебошанд. Дар Тоҷикистон тақвимҳои шамсӣ ва қамарӣ мавриди истифода қарор доранд.

Тақвимҳои дигаре, ки мавриди амал қарор гирифтаанд, юлианӣ ва григорианӣ мебошанд. Дар асл тақвими григорианӣ шакли такмилёфтаи юлианӣ аст, зеро пас аз он ки дар тақвими юлианӣ иштибоҳ мушоҳида шуд, ба ислоҳи он пардохтанд. Тақвимҳои дигар низ ҳастанд, ки аз тақвимҳои григорианӣ саҳеҳтаранд. Масалан, тақвими Умари Хайём, ки дар замони давлати Салҷуқиён дар дарбори Маликшоҳ омода шуда буд ва онро тақвими Ҷалолӣ ҳам меноманд. Саҳеҳии он нисбат ба тақвими григорианӣ якуним маротиба зиёд буда, дар 4500 сол як шабонарӯз ба хатогӣ роҳ медиҳад. Тақвиме, ки айни замон мавриди истифода қарор додаем, ин тақвими григорианист ва хатогии он дар муддати 3300 сол як шабонарӯзро ташкил медиҳад.

Умари Хайём дар рисолаи хеш «Наврӯзнома» чунин менигорад: «Сабаби ном ниҳодани Наврӯз он аст, ки Офтобро ду давр бувад. Яке он ки ҳар сесаду шасту панҷ шабонарӯз рубъе аз шабонарӯз ба аввали дақиқаи Ҳамал боз ояд, ба ҳамон вақту рӯз, ки рафта буд, бад-он дақиқа натавонад омадан, чӣ ҳар сол аз муддат ҳаме кам шавад».

Наврӯз падидаи табиӣ ба ҳисоб рафта, тавассути илми ситорашиносӣ дақиқ омӯхта шудааст.

Баробаршавии шабу рӯз ҳар сол 20 ё 21 март фаро мерасад, ки ин тафовут ба далели таъсири ҷозиба дар гардиши Замин аз ҷониби дигар сайёраҳо ба амал меояд. Офтоб дар яке аз ду нуқтаи буриши ҳамвориҳои экватори осмон ва эклиптика воқеъ гардида, аз нимкураи ҷанубии осмон ба нимкураи шимолӣ мегузарад. Маҳз, дар ин вақт шабу рӯз баробар мешаванд.



Дар тақвими шамсӣ ибтидои сол аз бурҷи Ҳамал оғоз шуда, то Савр, Ҷавзо, Саратон, Асад, Сунбула, Мизон, Ақраб, Қавс, Ҷаддӣ, Далв ва Ҳут идома меёбад. Қобили зикр аст, ки Офтоб ҳар як бурҷро дар тӯли як моҳ тай мекунад. Ҳаракати Замин дар атрофи Офтоб аз рӯи мадори элипс мебошад, ки ин боиси номунтазамии ҳаракати он мегардад. Бо ин сабаб, давомнокии шабонарӯзи офтобӣ тағйирёбанда аст.

20-21 март Офтоб хати экваторро бурида, аз нуқтаи эътидоли баҳорӣ мегузарад, яъне аз нимкураи ҷанубӣ ба нимкураи шимолӣ меояд. Ҳамин вақт дар нимкураи шимолии сайёраи Замин баҳори астрономӣ оғоз мегардад, ки он ҳама назокату латофатро пайки Наврӯз меноманд.

**Фирӯза РАҲМАТУЛЛОЕВА,**
**номзади илмҳои физикаю математика**

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 3 апрели соли 2024 музоядаи № 2-ро оид ба фурӯши пораву партовҳои металҳои сиёҳ, чӯян ва ранга баргузор менамояд

**1. 147502 кг. пораву партовҳои металҳои сиёҳ аз ҳисоби Корхонаи воҳиди давлатии «Фулузоти нодири Тоҷикистон», воқеъ дар шаҳри Бӯстон. Нархи ибтидоӣ -147502 сомонӣ**

**2. 194218 кг. пораву партовҳои металҳои сиёҳи чӯян аз ҳисоби Корхонаи воҳиди давлатии «Фулузоти нодири Тоҷикистон», воқеъ дар шаҳри Бӯстон. Нархи ибтидоӣ - 155374 сомонӣ**

**3. 2451 кг. пораву партовҳои металҳои ранга аз ҳисоби Корхонаи воҳиди давлатии «Фулузоти нодири Тоҷикистон», воқеъ дар шаҳри Бӯстон. Нархи ибтидоӣ - 31863 сомонӣ.**

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол», оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **ш. Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронда мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод намояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузарондани музояда бо суроғаи зерин: ш. Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW. MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 3 апрели соли 2024 музоядаи № 16-ро оид ба фурӯши амволи мусодирагардида барпо менамояд

| № | Номгӯи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Маҳсулоти хӯроки парандаи истеҳсоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон | 60 халта | 3000 кг | 6 000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол», оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда - **ш. Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронда мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод намояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузарондани музояда бо суроғаи зерин: ш. Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW. MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 3 апрели соли 2024 музоядаи № 17-ро оид ба фурӯши амволи мусодирагардида барпо менамояд

| № | Номгӯи амвол | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Пиёла | адад | 600 | 1080 |
| 2 | Собуни «Оливиа» | адад | 600 | 3300 |
| 3 | Шпаклевкаи «Элерон» 20 кг | адад | 10 | 550 |
| 4 | Маҳлули ҷомашӯии «Yumos» 1440 мл | адад | 27 | 1215 |
| 5 | Шампуни «Dove» | адад | 84 | 2688 |
| 6 | Шампуни «Pantine» 400 гр | адад | 84 | 3360 |
| 7 | Маҳлули зарфшӯии «Fairy» 450 мг | адад | 160 | 2880 |
| 8 | Хокаи ҷомашӯии «Миф» 2 кг | адад | 500 | 27500 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол», оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда - **ш.Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронда мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод намояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузарондани музояда бо суроғаи зерин: ш. Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ҶАМЪИЯТИ ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН

**Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (минбаъд - ҶҲАТ) ҷиҳати иштирок дар озмунҳои тендерии дастрас, пешниҳод, харидҳо, таъмин, хизматрасонӣ, иваз, интиқол, таъмир, таҷдид ва тамоми намудҳои дигари хизматрасониҳо аз тариқи иштироки номаҳдуд ҳамаи хоҳишмандонро дар асоси буҷаи барномаҳо ва буҷаи Дастгоҳи иҷроияи Кумитаи марказии ҷамъият, аз рӯи таснифот ва лотҳои зерин барои бастани шартномаҳои гуногуни муҳлатноки аз як то се сол даъват менамояд.**

1. Дастрас, харид, интиқол, таъмини молу маҳсулоти хӯрока ва ғайри он (то як сол, бо пешниҳоди кафолати нархҳо на кам аз се моҳ);

2. Боркашонӣ ва интиқолдиҳии маводу таҷҳизот аз нуқтаи муайяншуда то нуқтаи дастуршуда бо тартиби кафолати беосеб расонидани борҳо (то се сол, бо пешниҳоди кафолати нархҳо на кам аз се моҳ);

3. Хизматрасонии таъмири нақлиёти хизматӣ, хариди қисмҳои эҳтиётӣ ва ивази онҳо (то се сол, бо пешниҳоди кафолати истифодаи қисмҳои эҳтиётӣ то як сол);

4. Таъмини маводи сӯзишворӣ ба нақлиёти хизматии ҶҲАТ, дар асоси баргаҳои махсуси тасдиқшуда (то се сол, бо пешниҳоди кафолати нархҳо на кам аз се моҳ);

5. Харид, таҷдид, азнавсозӣ, рангубори иншооти сохтмонӣ дар ДИ КМ ҶҲАТ ва дар минтақаҳо (аз се моҳ то як сол, бо пешниҳоди кафолати нархҳо на кам аз се моҳ);

6. Пешниҳоди хизмати тарҷумонӣ, тарҷумаи синхронӣ, расмии ҳуҷҷатҳо ва дигар намуди хизмати тарҷумонӣ (то як сол);

7. Босифат таҳия, чоп, дастрас, таъмин ва хариди маводи иттилоотӣ (то се сол, бо пешниҳоди кафолати нархҳо на кам аз се моҳ);

8. Сабт, таҳия ва наворгирии ҳама гуна чорабиниҳо, дар мавридҳои зарурӣ намоиши онҳо дар ВАО (телевизион, радио, чоп дар матбуоти даврӣ ва дигар намуди иттилоотонӣ), таҳияи видеороликҳо, сабти фиттаҳо аз рӯи дархост (то як сол бо пешниҳоди сифати баланди хизматрасонӣ);

9. Харид ва таъмини таҷҳизоти тиббӣ ва маводи доруворӣ аз рӯи дархост, бо маҳсулоти сифатнок ва дорои сертификат, (то як сол, бо пешниҳоди кафолати нарх на кам аз се моҳ);

10. Таъмини хизматрасонии алоқаи барқӣ, дастгоҳҳои алоқа, кашидани ноқил барои пайвастшавӣ бо шабакаи интернет, таъмини симкортҳои хизматӣ ва модемҳо, таъмини дастрасӣ ба шабакаҳои иҷтимои иҷозатдодашуда, (то се сол, бо пешниҳоди кафолати нарх на кам аз се моҳ);

11. Таҳия, дастрас ва таъмини сарулибос, кулоҳ, пойафзоли махсус бо рамзгузориҳо, аз рӯи дархост (то як сол, бо додани кафолати сифати маводҳо);

12. Дастрас, иваз ва таъмини маводи канселярӣ, таҷҳизоти корӣ ва қисмҳои эҳтиётӣ (кондитсионер, компютер, принтер, проектор, дастгоҳҳои аксбардор, мизу курсиҳо ва ғайра), инчунин таъмири босифати онҳо бо пешниҳоди кафолати истифодабарии то як сол, аз рӯи дархост (то се сол);

13. Таъмини ҶҲАТ бо таҷҳизоти маишӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва таъмири босифати онҳо (ҷевон, яхдон, гармидиҳандаи барқӣ ва ғайра) аз рӯи дархост (то се сол);

14. Брон кардан ва сари вақт ба расмият даровардани чиптаҳои ҳавопаймо (то се сол);

15. Пешниҳоди хизматрасонӣ ва муҳайё намудани шароит барои баргузории семинар - машваратҳо (бо ташкили хӯроки нисфирӯзӣ, шом, кофебрейкҳо) бо назардошти нархҳое, ки дар санадҳои меъёрии дохилии ҶҲАТ муайян шудааст (то як сол, бо кафолати нархҳо на кам аз се моҳ);

16. Хизматрасонии меҳмонхонадорӣ барои меҳмонони ба ҷамъият ташрифоваранда (то як сол, бо кафолати нархҳо на кам аз се моҳ);

17. Хизматрасонии кашондан ва интиқоли кормандон ва меҳмонон тибқи дархостҳо (то се сол);

18. Дастрас ва таъмини мавод, таҷҳизот ва лавозимоти хоҷагидорӣ (то як сол бо кафолати нархҳо на кам аз се моҳ);

19. Хариди маводи хотиравӣ (туҳфа, ҳадя ва ғайра), (то як сол, бо кафолати нархҳо на кам аз се моҳ);

20. Хизматрасонии аудитӣ (то се сол, бо пешниҳоди кафолати хулосаи мустақили аудитӣ);

21. Пешниҳоди майдонҳо (майдонҳои варзишӣ, баргузории машқҳои амалӣ - таҷрибавӣ);

22. Бастани шартномаҳои хизматрасонӣ бо довталабони фаъолияташон серсоҳа ва дорои иҷозатномаҳои чунин фаъолиятҳо дошта (то се сол, бо пешниҳоди кафолати нархҳо на кам аз се моҳ).

Бояд қайд намуд, ки дастрас ва таъмини мавод, таҷҳизот, қисмҳои эҳтиётӣ ва тамоми дигар намуди маснуот то анбори ҶҲАТ дар назар дошта шуда, бастани шартномаҳо бе шарти пешпардохт ва нақдӣ ба расмият даdroварда шуда, пардохт бошад, баъди даромад шуданашон ба анбор ба суратҳисобҳои бонкӣ амалӣ карда мешавад. Ҳамин усул дар дигар намуди хизматрасониҳо низ роҳандозӣ карда мешавад (баъди анҷоми пурраи хизматрасониҳо бояд санадҳои дахлдор тартиб дода шавад).

Ҳамзамон, аксаран баргузории чорабиниҳо, таъмини мавод ва дигар намуди хизматрасониҳо дар воҳидҳои сохтории ҶҲАТ (минтақаҳои ҷумҳурӣ) дар назар дошта шуда, баинобатгирии ҳолати мазкур довталабонро зарур аст.

Барои иштирок дар озмунҳои тендерии тендерӣ, пешниҳоди дархости расмӣ дар хусуси иштирок аз рӯи кадом лот, бо замимаи ҳатмии нусхаи аслии ҳуҷҷатҳо, аз қабили сертификат оид ба бақайдгирии расмӣ дар мақомоти давлатӣ ва маълумотнома аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он дар хусуси ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ баромад намудан, инчунин мавҷуд набудан дар рӯйхатҳои ба сифати қарздор дар назди дигарон ва дорои иҷозатномаи дахлдор будани шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ, маълумот дар бораи доштани суратҳисоби фаъол дар муассисаҳои бонкӣ (маълумотномаи бонкии дастрасшуда бояд саҳеҳ ва то пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ба ҶҲАТ камтар аз 10 рӯзро дар бар гирад), лозим аст.

Барои гирифтани маълумот ва таснифотҳои бештар хоҳишмандон метавонанд дар ҳудуди соатҳои корӣ бо рақами телефони 224-42-85 занг зананд ё тариқи расмӣ бо суроғаи: шаҳри Душанбе, кӯчаи У. Хайём 120 унвонии «Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон», шуъбаи таъминоти моддию техникӣ муроҷиат намоянд.

**Муҳлати охирини қабули таклифҳо то 1 апрели соли 2024, соати $09^{00}$ бо вақти Душанбе муайян карда мешавад.**

## ҶАМЪИЯТИ ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН

**Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (минбаъд - ҶҲАТ) ҷиҳати иштирок дар озмуни тендерии таъмини маводу таҷҳизот аз тариқи иштироки номаҳдуд, ҳамаи шахсони ҳуқуқии дорои иҷозатномаи махсуси хоҳишмандро аз рӯи як лот, ки аз тарафи шарики рушд - Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх дастгирӣ меёбад, тибқи таснифоти зерин даъват менамояд:**

**Аз рӯи лоиҳаи «Тайёрӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода» (КБСС):**

**Лоти 1:** Таъмини таҷҳизоти ёрии аввал (қуттии ёрии аввал, замбари тиббӣ ва пешдоман бо аломатгузорӣ).

Барои иштирок дар озмуни тендерии навбатӣ таклифи расмӣ дар хусуси иштирок дар озмуни тендерии баргузоршаванда, нусхаи ҳуҷҷатҳо, аз қабили сертификат оид ба бақайдгирии расмӣ дар мақомоти давлатӣ, Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотнома аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё зерсохторҳои он дар хусуси ҳамчун шахси ҳуқуқии дорои иҷозатномаи дахлдор баромад намудан, инчунин мавҷуд набудан дар рӯйхати ба сифати қарздор ё бемасъул дар назди дигарон лозим аст.

Талаботи дар боло овардашуда, шартҳои асосии озмуни тендерии баргузоршаванда ба ҳисоб меравад.

Барои гирифтани маълумот ва таснифоти асосӣ ва иловагӣ хоҳишмандон метавонанд дар ҳудуди соатҳои корӣ бо рақами телефони 224-42-85 занг зананд ё тариқи расмӣ бо суроғаи: шаҳри Душанбе, кӯчаи У. Хайём 120 унвонии «Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон», шуъбаи таъминоти моддию техникӣ муроҷиат намоянд.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон пурра ва қисме аз таклифҳое, ки нархҳои пешниҳодшуда дар онҳо нисбатан паст нишон дода мешаванд, қобили қабул намешуморад.

**Муҳлати охирини пешниҳоди ҳуҷҷатҳо то 27 марти соли 2024, соати $09^{00}$ бо вақти Душанбе муайян карда мешавад.**

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 5-уми январи соли 2017 ба Хусанов Муҳаммадалӣ Алиевич додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати гумшуда, ки онро МТМУ №26 -и ноҳияи Темурмалик соли 1987 ба Сатторова Воразгул Араловна додааст, эътибор надорад.

✓Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент соли 2021 ба Юлдошева Бибихадича Қаюмжоновна додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи гумшудаи А 01901501 ки онро ШВКД дар шаҳри Панҷакент 22-юми майи соли 2019 ба Юлдошева Бибихадича Қаюмжоновна додааст, эътибор надорад.

✓Патенти гумшуда, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба Алимов Абдураҳмон Каримович додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаҳои гумшудаи хариду фурӯши квартира, ки онҳоро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 11-уми феврали соли 2022 тахти феҳрасти 1Ш-198 ва 1Ш-199 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Карамов, бинои 21-23, хонаҳои 14 ва 15 ба Садулоева Одинагул Асадулоевна додааст, эътибор надоранд.

✓Маълумотномаи силсиладори гумшудаи силсилаи «Г» №0235140, ки онро Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоии ВТ ва ҲИАҶТ 26-уми декабри соли 2016 бо гурӯҳи маъюбии 2-юм ба Муродова Шукрона Маҳмадсаидовна додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи гумшудаи A02606655, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 14-уми августи соли 2019 ба Кароматова Лайлӣ Ибодуллоевна додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи гумшудаи бартарафсозии хонаи истиқоматӣ, ки дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 20-уми июли соли 2023 тахти феҳрасти 2/5 Н/2023-3-1115 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Меҳнат, хонаи 46, байни ҶДММ «Глобал групп» ва Алиев Фариддун Асомидинович ба расмият дароварда шудааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Лоҳур, деҳаи Ҳаёти нав ба Ҳалимов Ҳаким додааст, эътибор надорад.

✓Дафтари гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад, бинои 92, хонаи 3 ба Раҳимхонов Ҳокимбек Қирғизбекович додааст. эътибор надорад.

✓Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ №1071024, ки онро МТМУ №4-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе соли 2021 ба Расулов Фируз Зайниддинович додааст, эътибор надорад.

✓Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино соли 2023 ба Маҳмудов Муҳаммадҷон Махсудҷонович додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати гумшудаи силсилаи Т-ШТУ №0655664, ки онро Гимназияи ба номи Асадулло Ғуломов (собиқ Гимназияи ба номи Низомии Ганҷавӣ) –и шаҳри Душанбе соли 2013, тахти №65 ба Гейдт Максим Данилович додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ҶДММ «Ҳасибҳои Осиё» (РЯМ 0110029581, РМА 010106086), ки 29-уми декабри соли 2022 дар Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ҶДММ «Муҳаммади Хоҷазода» (РЯМ 0110029425, РМА 010105926), ки дар Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 20-уми декабри соли 2022 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Садои мардум
Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фарҳунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238-53-49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03, 93-458-65-69; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76, 92-771-76-72, 93-535-06-66; ШНТҶ - 000-03-03-80, 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ маводи гуногун нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пасгардонида намешавад.

*Ба чопаш 18 марти соли 2024, соати 13:25 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35080 нусха*

Навбатдори шумора Ӯ. Назар

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97